ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади имлҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст.

Империяи Ҳахоманишиён дар таърихи на танҳо мардумони ориёӣ, балки дар таърихи башарӣ мавқеъ ва ҷойгоҳи хосса дорад, ки аз хидматҳои шоҳони он бармеояд. Аз ин рӯ, мавриди таҳқиқоти махус қарор додани мавзуи мазкур ва дар доираи рисолаи номзадӣ дифоъ намудани он зарур мебошад. Ин зарурат дар мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертант Қодирзода Х.С. ба таври хеле хуб баррасӣ шудааст. Диссертант талош намудааст, ки дар асоси манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ масоили мубрами ин давраи шукуҳу азамати мардумони ориёиро таҳлил намояд. Аз омӯзиши рисола бармеояд, ки дар меҳвараш чунин масъалаҳо қарор доранд. Дар асоси таҳлил ва муқоисаи осори муҳаққиқон дар масъалаи давлатдории Ҳахоманишиҳо ва рушди тамаддуни ориёӣ хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ӯ ба чунин нуктаҳо бештар диққат додааст: дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан навиштаҷотҳои шоҳони ҳахоманишӣ ва маълумоти муаррихони атиқа омӯхтани раванди сокиншавии форсҳо, ташкилшавии империя ва сиёсати экспансиони (кишваркушоӣ)-и Куруши Кабир; омӯзиши хусусияти хоси давлатдории Дороюши Бузург ва шоҳони минбаъдаи империя; муайян намудани саҳми Ҳахоманишиҳо дар рушди тамаддуни ориёӣ ва васеъ намудани доираи ҳудуди он.

Диссертант дар такя бо сарчашмаҳои таърихӣ давраи сокиншавии форсҳоро дар силсилакӯҳҳои Эрон ва ҷанубу ғарбии он то халичи Форс ба нимаи дуюми ҳазорсолаи 2-1 то м. ё аз ин ҳам барвақтар нишон додааст. Ӯ хешовандии наздики онҳоро бо модҳо таъкид менамояд. Дар масъалаи ташкили аввалин иттиҳоди сиёсӣ аз ҷониби порсҳо дар диссертатсия ва осори аксарият муаррихон қариб, ки ҳамақидагӣ вуҷуд дорад. Танҳо чанд фосилае

дар байни солҳо дида мешаваду халос, ки дар рӯшан сохтани таърихи қадимтарин, ки мушкилиаш дар нокифоя будани мадракҳо мебошад, қобили қабул аст. Муаллиф давлати Ҳахоманишиҳоро давоми давлатдории Модҳо чӣ аз лиҳози қонунӣ ва чӣ аз лиҳози мантиқӣ номидааст. Масъалаи ба ҳокимият расидан, кишваркушоиҳо ва хусусиятҳои адолатпарваронаи Куруши Кабир нисбат ба халқҳои истилошуда диққати муаллифро ҷалб намудааст.

Муаллиф ба навиштаҷотҳои даврони ҳахоманишӣ, махсусан навиштаҷотҳои расмӣ дар кӯҳпораҳо бо забонҳои форсии қадим, эломӣ ва аккадӣ бо хатти мехӣ навишташуда такя намуда, аз нақши хоссаи забони форсии қадим дар корҳои идораи давлатӣ ёдовар шудааст. Ӯ зикр намудааст, ки забони давлатӣ - форсии қадим буда, бо ин забон шоҳон ва аъёну ашроф гап мезаданд, машваратҳои давлатӣ гузаронида мешуданд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатся ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бандҳои 29, 30-31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591) ҷавобгӯ буда, диссертант сазовори номзади илмҳои таърих аз рӯи 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Тақриздиҳанда: н.и.т., мудири кафедраи таърих
ва ҳуқуқи ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Баҳорзода С.А.
06.11.2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146
Тел.: (+992) 934778077
E-mail: rektortau31@gmail.com

Имзои Баҳорзода С. А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқи ва кадрҳои ДАТ
ба номи шириншоҳ Шоҳтемур Курбонзода А.Х

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146
Тел.: (+992-372) 247207
E-mail: rektortau31@gmail.com